**Барномаи Иттиҳоди Аврупо «Дастгоҳи Аврупо барои рушди демократия ва ҳуқуқи инсон» дар Тоҷикистон**

# Саволҳои ҳуқуқие, ки аксар вақт собиқ маҳкумшудагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳанд

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

Лоиҳа аз тарафи DVV International амалӣ мегардад

# Саволҳои ҳуқуқие, ки аксар вақт собиқ маҳкумшудагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳанд

**ш. Душанбе**
**соли 2017**

**ББК: 67.91(2 тоҷик)**

**Ч: Ҳ-89**

**Китобчаи мазкур барои шахсони пас аз адои ҷазо озодгашта ва баъди озод шудан бо проблемаҳои вуҷуд надоштани манзил, кор, бо низоъҳои оилавӣ, гирифтани кӯмакпулиҳо ва дигар проблемаҳо рӯ ба рӯ гардидаанд, пешбинӣ шудааст.**

**Китобча аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» дар доираи лоиҳаи «SECRET: ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии маҳкумшудагон ва собиқ маҳкумшудагон дар Тоҷикистон» таҳия гардида, бо кӯмаки молиявии Иттиҳоди Аврупо нашр шудааст.**

**Китобча бо дар назардошти тағйироту иловаҳои ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, бо кӯмаку дастгирии Иттиҳоди Аврупо соли 2017 аз нав нашр карда шудааст.**

**Мулоҳизаҳои дар ин мавод дарҷгардида, назару афкори Иттиҳоди Аврупоро ба ин масъала инъикос намекунанд.**

**Таҳиягар: Мадина Усмонова**
**Муҳаррир: Моҳира Усмонова**

**Адади нашр: 1000 нусха**

**Барои интишори ройгон**

**Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва такдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунъёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд.**

**Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои бидуни сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат ба маблағи тақрибан 25 млн. евро кӯмак фароҳам менамояд.**

# МУНДАРИЧА:

МУҚАДДИМА.................................................. 10
МАСЪАЛАҲОИ УМУМӢ ............................ 14
1. Қабл аз озод шудан чиро бояд донист?................................................. 14
2. Одаме, ки ҳангоми озод шудан барои то ба хонааш рафта расидан пул надорад (масалан, ӯ дар дигар шаҳр, дар дигар маҳал зиндагӣ мекунад) ва хешовандоне надорад, ки ӯро пешвоз гиранд, чӣ кор бояд кунад?.................................................... 16
3. Оё шахси аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ҷавобшуда вазифадор аст дар бораи озод шудани худ ба ягон кас маълумот диҳад?.................................................... 17
4. Баъди чанд муддати пас аз адои ҷазо доғи судӣ бардошта мешавад?................... 18
5. Оё доғи судӣ метавонад қабл аз муҳлати муқаррарнамудаи қонун бардошта шавад?.................................................... 19
ҲУҚУҚҲОИ ИҚТИСОДӢ ........................... 20
Хуқуқ ба манзил........................................ 20
6. Оё дар Тоҷикистон тартиби махсуси бо манзил таъмин кардани шахсоне, ки аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ озод шудаанд ва манзил надоранд, пешбинӣ гардидааст? ............................................. 20

7. Агар шахс то маҳкум шудан манзили ҳусусӣ гардонида нашуда (давлатӣ) дошта бошад, ки истифодабарандаи он ӯ буд, оё ин манзил дар давраи адои ҷазо барои ӯ ҳифз мешавад? ........................................ 21

8. Чӣ бояд кард, агар то лаҳзаи озод шудани шахс аз адои ҷазо квартирае, ки ӯ пештар дар он зиндагӣ мекард, аз ҷониби дигар истиқоматкунандагон ишғол гардида бошад? ................................................... 22

9. Агар шахс то маҳкум шудан барои гирифтани квартира дар навбат истода бошад, оё ин навбат барои ӯ дар давраи адои ҷазо нигоҳ дошта мешавад? ............. 24

10. Агар шахс то маҳкум шудан дар квартира ё хонаи шахсӣ зиндагӣ карда бошад (агар шахс ҳуҷҷатҳои моликӣ ба квартира дошта бошад ва ӯ дар он ҳамчун соҳибмулк зикр гардида бошад), оё ин квартира/хона баъди адои ҷазо барои ӯ ҳифз карда мешавад?................................ 25

11. Чӣ бояд кард, агар шахс баъди озод шудан маълум кунад, ки дар квартира/хонае, ки ӯ соҳибмулки он мебошад, одамони дигар зиндагӣ мекунанд? ................................................ 26

12. Агар шахс то маҳкум шудан дар хобгоҳи умумии ҷойи кор зиндагӣ карда бошад, оё ин хобгоҳ баъди озод шудан барои ӯ нигоҳ дошта мешавад?................. 27

13. Агар шахс баъди адои ҷазо умуман ҷойи истиқомат надошта бошад, ӯ ба куҷо мурочиат кунад? ........................................ 28

Ҳуқуқи меросхӯрӣ.................................. 29

14. Агар ҳангоми адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ касе аз хешовандони наздики шахс фавтида бошад, оё ин шахс ҳуқуқи меросхӯрӣ дорад?.......................... 29

15. Оё ягон муҳлате вуҷуд дорад, ки дар муддати он бояд барои гирифтани ҳуҷҷатҳои мерос ба идораи нотариалӣ мурочиат кард? Ва чӣ бояд кард, агар ин муҳлат гузашта бошад?.............................. 31

16. Чӣ бояд кард, агар баъди озод шудан аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ба шахс маълум гардад, ки дигар меросхӯрон аллакай ҳуҷҷатҳои меросро гирифтаанд ва молу мулки меросиро байни худ тақсим кардаанд?.................................................. 34

ҲУҚУҚҲОИ ИҶТИМОӢ ............................ 36

Таъминоти иҷтимоӣ ............................... 36

17. Барои ба расмият даровардани маъюбӣ ба куҷо бояд мурочиат кард?....... 36

18. Кадом гурӯҳҳои маъюбӣ дар Тоҷикистон вуҷуд доранд, ва маъюбӣ ба кадом муҳлатҳо муқаррар карда мешавад?.................................................... 37

19. Оё шахсони аз ҳабс озодшуда ба ягон кӯмаки моддӣ баъди озод шудан ҳақ доранд? ........ 37
20. Кадом мақомот ба шахсони аз ҳабс озодшуда кӯмаки иҷтимоӣ мерасонанд?... 38
21. Таҳти мафҳуми кӯмаки иҷтимоӣ чӣ фаҳмида мешавад?........ 39
22. Хизматрасонии иҷтимоӣ аз чӣ иборат аст?........ 39
Ҳуқуқ ба меҳнат........ 40
23. Ба шахси аз ҳабс озодшуда барои пайдо кардани кор ва ба қайд гузоштан ба сифати шахси бекор ба куҷо мурочиат кардан зарур аст?........ 40
24. Барои ба қайд гирифтан ба сифати шахси бекор кадом ҳуҷҷатҳоро ба мақомоти шуғл пешниҳод кардан зарур аст? 41
25. Агар собиқ маҳкумшуда маъюб бошад, оё барои ӯ ягон хел имтиёзҳо ҳангоми ҷустуҷӯи кор пешбинӣ карда шудаанд?........ 43
26. Оё маъюбон дар ҷойи кор ягон хел имтиёзҳо доранд? ........ 45
27. Агар шахсро иштибоҳан маҳкум карда бошанд, оё ӯ ягон хел имтиёзҳои меҳнатӣ дорад? ........ 46

28. Ба кучо мурочиат кардан мумкин аст, агар шахс чунин ҳисобад, ки ӯро ғайриқонунӣ ба кор қабул накардаанд? ... 47

Ҳуқуқ ба омӯзиш ... 48

29. Собиқ маҳкумшуда ба кучо бояд мурочиат кунад, то ки ягон хел касбро барои чустучӯи минбаъдаи кор омӯзад? ... 48

30. Кадом навъ муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва касбомӯзии кӯтоҳмуддат дар Точикистон мавчуданд? 49

Масъалаҳои оилавӣ ... 52

31. Агар дар давраи адои чазо дар чойҳои маҳрумият аз озодӣ ба шахси маҳкумшуда маълум гардад, ки шавҳараш (завчааш) аз ӯ чудо шудааст, оё чунин чудошавӣ қонунӣ аст ва оё мумкин аст баъди озод шудан акди никоҳро барқарор кард? ... 52

32. Оё собиқ маҳкумшуда ҳуқуқ дорад баъди озод шуданаш бо кӯдаки (фарзандони) худ вохӯрад (робита кунад)? ... 54

33. Чӣ бояд кард, агар волиди (падар ё модари) кӯдак (ё шахсони онҳоро ивазкунандае, ки кӯдак дар тарбияи онҳо қарор дорад), ки кӯдак бо ӯ зиндагӣ мекунад, ба падар ё модар (собиқ маҳкумшуда) ичозат намедиҳад кӯдаки

худро бинад ва бо ӯ робита дошта бошад? ................................................ 55

34. Чӣ тавр падар ё модарро метавонанд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум кунанд?.............................................. 57

35. Оё баъдан барқарор кардани ҳуқуқи падару модарӣ нисбати кӯдак (фарзанд) имконпазир аст? ....................................... 58

36. Оё шахс баъди озод шудан аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дар таъминоти моддии кӯдаки (фарзандони) худ иштирок карда метавонад, агар ӯ аз кӯдак ҷудо зиндагӣ кунад?............................................. 58

37. Оё суд метавонад аз собиқ маҳбус алимент ситонад, агар ӯ дар ягон ҷой кор накунад ва ягон даромаде надошта бошад? ................................................ 59

38. Оё ягон ҷавобгарӣ барои саркашӣ кардан аз пардохти алиментҳо вуҷуд дорад?................................................ 60

ИТТИЛООТИ МУФИД: ................................ 62

МАСЛИҲАТҲОИ МУФИД: ........................ 71

# МУҚАДДИМА

«Риояи ҳуқуқи инсон, эҳтиром нисбати шахс он таҳкурсие мебошанд, ки бе он офиятбахшии иҷтимоӣ ва психологии шаҳрвандони аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ озодшуда имконпазир намебошад. Бинобар ин, шахсоне, ки аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ (аз ҳабс) озод шудаанд, бояд имконияти кафолатноки барқарор кардани мақоми (статуси) узви комили ҷомеаро дошта бошанд. Баъди озод шудан аз ҳабс онҳо, чун қоида, бо мушкилоти зиёд ҳангоми худтатбиққунӣ дар ҷомеа рӯ ба рӯ мегарданд. Яке аз сабабҳои асосӣ – вуҷуд доштани стереотипҳои (хурофоти) муайян дар тафаккури аҳли ҷомеа мебошад. Аксар вақт ҷомеа манфиатдор нест «ба сафҳои худ» собиқ ҷинояткорро қабул кунад,

корфармо бошад, далелҳои (баҳонаҳои) бешумореро пайдо мекунад, ки чунин кормандро ба кор нагирад».[1]

Ҳамин тариқ, одамеро, ки бе ин ҳам тибқи қонун ҷазо гирифта буд, «ҷазодиҳии» ӯро баъди аз ҳабс озод шуданаш низ идома медиҳанд, зеро ба ҷомеа шикастани стереотипҳо ва аз байн бурдани хурофоти зидди ин категорияи аҳолӣ басо мушкил аст.

---

[1] Специальный доклад Уполномоченного по правам человека в Московской области «Проблемы социальной адаптации (ресоциализации) лиц, освобожденных из мест лишения свободы», Россия, 2010 г.
Манбаъ: http://upch.mosreg.ru/dokumenty/doklady-upolnomochennogo/specialnye-doklady/specialnyy-doklad-upolnomochennogo-po-pravam-cheloveka-v-moskovskoy-oblasti-problemy-socialnoy-adaptacii-resocializacii-lic-osvobozhdennyh-iz-mest-lisheniya-svobody

Ғайр аз ин, одаме, ки дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ якчанд солро гузаронидааст, худ аз худ аз ҷомеа берун меафтад ва баъди озод шудан барои мутобиқшавии (адаптатсияи) минбаъдаи ӯ кӯмаку дастгирии муайян талаб карда мешавад.

Дар Тоҷикистон қонуни махсусе, ки ба офиятбахшии иҷтимоӣ ва мутобиқшавии (адаптатсияи) собиқ маҳкумшудагон нигаронида шуда бошад, вуҷуд надорад, гарчанде фароҳам намудани шароити иҷтимоии муносиб барои ин категорияи аҳолӣ, таъмини онҳо бо манзил, кор, кӯмаки иҷтимоӣ пешгирии содиркунии ҷиноятҳои нав мебошад.

Масъалаи манзил дар Тоҷикистон барои шумораи бузурги гурӯҳҳои аҳолии аз ҷиҳати иҷҷтимоӣ осебпазир масъалаи басо муҳим

мебошад. Собиқ маҳкумшудагон истисно нестанд ва аксарияти онҳо ба манзил эҳтиёҷи шадид доранд. Фонди давлатии манзил хеле ночиз аст ва танҳо як ҳиссаи хурди фонди умумии манзили кишварро ташкил медиҳад, бинобар ин, бо манзил таъмин намудани гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ амалан имконпазир нест.

Масъалаи бо кор таъмин кардани собиқ маҳкумшудагон низ ҳамин гуна шадид боқӣ мемонад.

Дар китобчаи мазкур Шумо ба саволҳои: «Доғи судиро чӣ гуна бояд бардошт?», «Чӣ тавр кор пайдо кунем?», «Ба куҷо бояд мурочиат кард, агар ҷойи зист надошта бошӣ?», «Ҳангоми ба вуҷуд омадани низоъҳои оилавӣ баъди озод шудан чӣ бояд кард?» , «Ҳуҷҷатҳои гумшударо чӣ тавр барқарор кардан мумкин аст?»,

инчунин ба бисёр саволҳои дигар ҷавоб пайдо мекунед. Хеле умедворем, ки китобчаи мазкур ба шумо дар ҳалли проблемаҳое, ки аксар вақт одамон баъди аз ҳабс озод шуданашон бо онҳо рӯ ба рӯ мегарданд, ёрӣ мерасонад.

# МАСЪАЛАҲОИ УМУМӢ

## 1. Қабл аз озод шудан чиро бояд донист?

Бояд дар хотир дошт, ки ҳангоми озод шудан аз ҷониби маъмурияти муассисае, ки шахси маҳкумшуда дар он адои ҷазо менамуд, ашёҳо ва чизҳои қиматбаҳо, пулҳои дар ҳисоби шахсии ӯ мавҷудбуда, ҳуҷҷатҳои шахсӣ ва коғазҳои арзишнок, инчунин ҳуҷҷатҳои озод шудани маҳкумшуда аз ҷазо ва ҳуҷҷатҳои фаъолияти меҳнатии ба ӯ дода мешаванд. Шумо метавонед пешакӣ хоҳиш намоед, ки бароятон

тавсифнома (характеристика) нависанд, ва агар он мусбӣ бошад, он ба Шумо ҳангоми ба кор даромадан ва ҳангоми дигар ҳолатҳои ҳаётӣ лозим мешавад.

Аз ҳуҷҷатҳои шахсӣ одами аз ҳабс озодшаванда шиноснома, дафтарчаи меҳнатӣ ва дафтарчаи нафақаи худро (агар ӯ нафақахӯр бошад) мегирад. Агар ин ҳуҷҷатҳо мавҷуд набошанд (масалан, онҳо гум шуда бошанд ё истифоданошоям шуда бошанд, ё ки онҳо бо дигар сабабҳо вуҷуд надошта бошанд), он гоҳ маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазо (ҳабсхона) пешакӣ барои гирифтани онҳо چораҳо меандешад ва ҳангоми озод шудани шахс онҳоро ба ӯ медиҳад.

Ҳангоми озод кардани маҳкумшуда аз ҷойҳои адои ҷазо (ҳабсхона), маъмурияти ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ба сардори қитъаи милитсияи маҳалли қайди

(истиқомати) шахси озодшаванда огоҳинома равон мекунад, ки сардори мазкур минбаъд ӯро ба қайд мегузорад.

**2. Одаме, ки ҳангоми озод шудан барои то ба хонааш рафта расидан пул надорад (масалан, ӯ дар дигар шаҳр, дар дигар маҳал зиндагӣ мекунад) ва хешовандоне надорад, ки ӯро пешвоз гиранд, чӣ кор бояд кунад?**

Ба шахсони озодшаванда донистан лозим аст, ки маъмурияти муассисае, ки онҳо дар он адои ҷазо намудаанд, бояд онҳоро бо роҳкиро то маҳалли зист ё кор дар тамоми қаламрави Тоҷикистон таъмин кунад. Барои муддати дар роҳ будан ба онҳо бояд озуқаворӣ ё пул дода шавад, ки онҳо бо ин пулҳо тавонанд дар роҳ ба сӯи хона хӯрок хӯранд. Вобаста ба фасли сол, агар шахси озодшаванда сару либоси муносиб надошта бошад,

ба ӯ ҳамчунин либос ва пойафзол дода мешавад. [2]

**3. Оё шахси аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ҷавобшуда вазифадор аст дар бораи озод шудани худ ба ягон кас маълумот диҳад?**

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсе, ки ҷазоро адо кардааст (аз ҳабс озод шудааст), вазифадор нест, ки оид ба воқеияти маҳкум шудани худ маълумот диҳад. [3]

Агар муддати мурури доғи судӣ гузашта бошад ё доғи судӣ бардошта шуда бошад, он гоҳ шахс суднашуда ҳисобида мешавад, ва ҳатто, агар далели доғи судӣ доштан ошкор гардад, ин боиси ягон оқибат намегардад.

---

[2] Қисми 3 моддаи 211 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ

[3] Моддаи 210 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**4. Баъди чанд муддати пас аз адои ҷазо доғи судӣ бардошта мешавад?**

Доғи судӣ дар мухлати зерин барҳам мехӯрад:

- нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба маҳдуд кардани озодӣ ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд – бо гузаштани 3 сол пас аз адои ҷазо;

- нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд – бо гузаштани 5 сол пас аз адои ҷазо;

- нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум

шудаанд – бо гузаштани 8 сол пас аз адои ҷазо.[4]

**5. Оё доғи судӣ метавонад қабл аз муҳлати муқаррарнамудаи қонун бардошта шавад?**

Агар маҳкумшуда пас аз адои ҷазо рафтори бенуқсон нишон диҳад, суд дар асоси илтимосномаи ӯ метавонад доғи судиашро то тамом шудани муҳлати барҳамдиҳии доғи судӣ, вале баъди гузаштани нисфи ин муҳлат бекор кунад[5] *(масалан, агар шахсро барои содир кардани ҷинояти дараҷаи миёна маҳкум карда бошанд, он гоҳ баъди озод шудан бояд 1, 5 (якуним) сол гузарад, баъди гузаштани ин муҳлат шахси озодшуда метавонад ба суд дар бораи пеш аз муҳлат бардоштани доғи*

---

[4] Қисми 3 моддаи 84 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

[5] Қисми 6 моддаи 84 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

*судии ӯ илтимоснома пешниҳод кунад). Яъне, мақомоте, ки ба он дар мавриди пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ муроҷиат кардан зарур аст, суд мебошад.*

# ҲУҚУҚҲОИ ИҚТИСОДӢ

## Ҳуқуқ ба манзил

**6. Оё дар Тоҷикистон тартиби махсуси бо манзил таъмин кардани шахсоне, ки аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ озод шудаанд ва манзил надоранд, пешбинӣ гардидааст?**

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби пешниҳоди манзил ба одамоне, ки аз ҷойҳои адои ҷазо озод мешаванд ва истиқоматгоҳ надоранд, махсус муайян карда нашудааст. Собиқ маҳкумшудагон тибқи тартиби умумӣ ва бо асосҳои умумӣ манзил гирифта метавонанд

Нозироти корҳои ислоҳӣ метавонад дар пешкаш кардани ҷой дар хобгоҳҳои умумии маркази адаптатсияи иҷтимоӣ барои истиқомати муваққатӣ мусоидат намояд. [6] Нозиротҳо дар назди ШВКД – шӯъбаҳои вазорати корҳои дохилӣ фаъолият мекунанд.

**7. Агар шахс то маҳкум шудан манзили ҳусусӣ гардонида нашуда (давлатӣ) дошта бошад, ки истифодабарандаи он ӯ буд, оё ин манзил дар давраи адои ҷазо барои ӯ ҳифз мешавад?**

Дар сурати ба маҳрумият аз озодӣ маҳкум гардидани шахсе, ки дар квартираи хусусӣ гардонида нашуда истиқомат мекард ва кироягири ин квартира буд (агар шахс ба квартира ордер дошта бошад), истиқоматгоҳ дар

---

[6] Моддаи 211 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тӯли тамоми муҳлати адои ҷазо (дар ҳабс қарор доштан) ва боз дар давраи 6 моҳи пас аз адои ҷазо ба номи ӯ нигоҳ дошта мешавад. [7]

**8. Чӣ бояд кард, агар то лаҳзаи озод шудани шахс аз адои ҷазо квартирае, ки ӯ пештар дар он зиндагӣ мекард, аз ҷониби дигар истиқоматкунандагон ишғол гардида бошад?**

Дар навбати аввал, бояд асосҳое муайян карда шаванд, ки тибқи онҳо истиқоматкунандагони нав дар квартира ҷо карда шудаанд. Эҳтимол, онҳо ҷабрдидаи фиреби касе бошанд ва намедонистанд, ки истифодабарандаи квартира шахси дигар мебошад. Агар истиқоматкунандагони нав квартираро ғайриқонунӣ ишғол карда бошанд, ба кумитаи ҳавлиҳо ё нозири

---

[7] Моддаи 51 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон

қитъавии милитсия муроҷиат кардан мумкин аст, то ки истиқоматкунандагони ғайриқонунӣ аз квартира берун карда шаванд. Агар ин чораҳо натиҷа набахшанд, бо аризаи даъвогӣ дар бораи кӯчонидани шахсоне, ки квартираро ғайриқонунӣ ишғол кардаанд, ба суд муроҷиат намудан зарур аст. (*Суроғаҳои қабулгоҳҳои ҳуқуқии ройгон, ки ҳуқуқшиносони онҳо ба шумо дар таҳия намудани аризаи шикоятӣ ёрӣ мерасонанд, дар охири китобча нишон дода шудаанд*).

**(!) Бояд донист, ки масъалаи аз ҳуқуқи истифодаи манзил маҳрум донистани шахс аз тариқи суд ҳал карда мешавад. Яъне, шахс наметавонад аз ҳуқуқи истифодаи манзили (квартираи) хусусӣ гардонида нашуда бо амри шифоҳӣ ё ҳатто хаттии намояндаи ягон мақомоти давлатӣ маҳрум карда шавад, балки ин масъала**

**танҳо аз тариқи судӣ ҳал карда мешавад.** [8]

**9. Агар шахс то маҳкум шудан барои гирифтани квартира дар навбат истода бошад, оё ин навбат барои ӯ дар давраи адои ҷазо нигоҳ дошта мешавад?**

Мутаассифона, навбат нигоҳ дошта намешавад. Шаҳрвандоне, ки ба маҳрумият аз озодӣ ё дигар намудҳои ҷазое маҳкум шудаанд, ки дар ҳамин маҳал зиёда аз шаш моҳ зиндагӣ карданро имконнопазир мегардонад, аз рӯйхати (аз навбати) эҳтиёҷмандони беҳтар кардани шароити манзил бароварда мешаванд. Дар бораи аз рӯйхат баровардан ба онҳо ба таври

---

[8] Моддаи 52 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон

хаттӣ дар давоми 10 рӯз хабар дода мешавад.[9]

**10. Агар шахс то маҳкум шудан дар квартира ё хонаи шахсӣ зиндагӣ карда бошад (агар шахс ҳуҷҷатҳои моликӣ ба квартира дошта бошад ва ӯ дар он ҳамчун соҳибмулк зикр гардида бошад), оё ин квартира/хона баъди адои ҷазо барои ӯ ҳифз карда мешавад?**

Одаме, ки то маҳкум шудан квартира ё хонаи шахсӣ дошт, соҳибмулки квартираи мазкур боқӣ мемонад, сарфи назар аз маҳкум шудан ва адои ҷазо намудан, агар квартира/хона бо ҳукми суд мусодира карда нашуда бошад. Пас аз озод шудан аз ҳабс (ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ) шахс соҳибӣ, истифодабарӣ ва

[9] Моддаи 31 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон

ихтиёрдории ин квартира/хонаро идома медиҳад. Барои квартира/хона, вобаста аз усули харидорӣ, бояд ҳуҷҷатҳои моликӣ мавҷуд бошанд (масалан, агар квартира харидорӣ шуда бошад, бояд шартномаи хариду фурӯш мавҷуд бошад, агар квартира тухфа шуда бошад, он гоҳ бояд шартномаи тухфа вуҷуд дошта бошад, ки дар онҳо ба таври ҳатмӣ ному насаб ва дигар маълумотҳои молик зикр карда мешаванд). Ҳамчунин барои квартира бояд шиносномаи (паспорти) техникӣ вуҷуд дошта бошад.

**11. Чӣ бояд кард, агар шахс баъди озод шудан маълум кунад, ки дар квартира/хонае, ки ӯ соҳибмулки он мебошад, одамони дигар зиндагӣ мекунанд?**

Ба мисли ҳолат бо квартираи хусусӣ гардонида нашуда, дар навбати аввал, муайян кардан зарур аст, ки бошандагони нав дар кадом асос дар

ин квартира истиқомат мекунанд. Агар истиқоматкунандагон квартираро худсарона ишғол карда бошанд, он гоҳ ба кумитаи ҳавлиҳо ва нозири минтақавии милитсия муроҷиат намудан мумкин аст, то ки бошандагони квартираи шуморо ихтиёрӣ аз он берун кунанд. Агар маълум гардад, ки истиқоматкунандагонро фиреб кардаанд ва, масалан, ҳуҷҷатҳоро қаллобӣ карда, ин квартираро ба онҳо фурӯхтаанд, он гоҳ ба суд муроҷиат кардан зарур аст, то ки он муомиларо (аҳдро) беэътибор донад ва бошандагон аз квартира берун карда шаванд. Ҳамчунин дар ҳолате низ ба суд муроҷиат кардан зарур аст, ки, агар бошандагон квартираро худсарона ишғол карда бошанд, вале намехоҳанд ихтиёрӣ онро холӣ кунанд.

## 12. Агар шахс то маҳкум шудан дар хобгоҳи умумии ҷойи кор

**зиндагӣ карда бошад, оё ин хобгоҳ баъди озод шудан барои ӯ нигоҳ дошта мешавад?**

Мутаассифона, маъмурияти ташкилоте, ки корманд то маҳкум шудан дар он кор мекард ва дар хобгоҳи умумии он зиндагӣ мекард, ҳуқуқ дорад ӯро бе пешниҳод кардани дигар истиқоматгоҳ дар сурати ҷиноят содир карданаш аз хобгоҳ берун кунад.[10]

**13. Агар шахс баъди адои ҷазо умуман ҷойи истиқомат надошта бошад, ӯ ба куҷо муроҷиат кунад?**

Барои гирифтани манзил ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (Ҳукумат), ба шӯъбаи манзил муроҷиат кардан зарур

[10] Моддаи 86 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон

аст, то ки шуморо дар навбат гузоранд. Мутаассифона, фонди давлатии манзил хеле ночиз аст, бинобар ин, расидани навбат интизории солҳои хеле зиёдро талаб мекунад.

## Ҳуқуқи меросхӯрӣ

**14. Агар ҳангоми адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ касе аз хешовандони наздики шахс фавтида бошад, оё ин шахс ҳуқуқи меросхӯрӣ дорад?**

Мутаассифона, дар давраи дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ (ҳабс) қарор доштани шахс чунин ҳодисаҳои андӯҳгин, ба монанди фавти одамони наздики ӯ рӯй медиҳанд. Чунин ҳодисаро паси сар кардан басо мушкил аст, вале худро бояд ба даст гирифт ва зиндагиро идома дод, инчунин иттилооти ҳуқуқӣ бояд дошт, ки чӣ тавр ҳуқуқи меросхӯрии худро ба расмият даровардан лозим аст.

Аввалан, биёед муайян кунем, ки киҳо ба ҷумлаи хешовандони наздик мансубанд ва ба молу мулки кӣ, ҳамчун мерос, шахс пас аз озод шуданаш аз ҳабс даъво карда метавонад. Ба ҷумлаи хешовандони наздике, ки баъди фавти онҳо шахс меросхӯри бевосита мебошад, ҳамсар, падару модар ва фарзандони шахси собиқ маҳкумшуда мансубанд.

Яъне, агар дар вақти адои ҷазо намудан шахс ягон нафар аз хешовандони наздики дар боло номбурдаи худро аз даст дода бошад, ва баъди фавти онҳо ягон хел молу мулки ба онҳо тааллуқдошта (квартира, мошин, мебел, зарф, техникаи рӯзгор, маблағҳои пулӣ, ҷавоҳирот, либос ва ғайра) боқӣ монда бошад, он гоҳ шахс баъди аз ҳабс озод шуданаш бояд ба идораи нотариалии маҳалли ҷойгиршавии молу мулки меросӣ ё маҳалли истиқомати хешованди фавтида барои гирифтани

шаҳодатномаи ҳуқуқи мерос муроҷиат намояд. Дар идораи нотариалӣ нотариус ба таври муфассал фаҳмонида медиҳад, ки кадом ҳуҷҷатҳоро барои тасдиқ кардани ҳуқуқи худ ба мерос овардан зарур аст (масалан, шаҳодатнома дар бораи фавти хешованд, шаҳодатномаи таваллуди (шиносномаи) худ ва ғайра).

**(!) Донистан муҳим аст, ки шахсоне, ки куштори дидаю донистаи меросгузор ё ягон меросхӯри имконпазирро содир кардаанд, ё ки ба ҳаёти онҳо суиқасд кардаанд, меросхӯр буда наметавонанд. Ҳамчунин падару модарон баъди фавти фарзандоне, ки нисбати онҳо аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шуда буданд ва то лаҳзаи кушодани мерос ин ҳуқуқи онҳо барқарор карда нашуда буд, меросхӯр буда наметавонанд.**

**15. Оё ягон муҳлате вуҷуд дорад, ки дар муддати он бояд барои**

**гирифтани ҳуҷҷатҳои мерос ба идораи нотариалӣ муроҷиат кард? Ва чӣ бояд кард, агар ин мухлат гузашта бошад?**

Донистан лозим аст, ки ба идораи нотариалӣ бо ариза оид ба ҳуқуқ ба мерос бояд то гузаштани 6 (шаш) моҳ аз рӯзи фавти хешованд муроҷиат кардан зарур аст, худи меросро бошад танҳо пас аз гузаштани 6 (шаш) моҳ баъди фавти хешованд гирифтан мумкин аст. Агар шахс дар лаҳзаи фавти хешованди наздикаш дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ қарор дошта бошад ва дар вақташ бо ариза ба идораи нотариалӣ дар муддати 6 моҳ муроҷиат карда натавониста бошад (масалан, шахс метавонад танҳо пас аз 2 ё 3 соли ин ҳодиса муроҷиат кунад), он гоҳ чунин ҳисобида мешавад, ки ӯ муҳлати қабул кардани меросро гузаронидааст, ва пас аз озод шудани ӯ нотариус метавонад ба ӯ додани шаҳодатномаи ҳуқуқи меросро рад

кунад. Дар ин ҳолат чӣ бояд кард? Илоҷаш ҳаст, вале проблемаро танҳо тариқи муроҷиат кардан ба суд ҳал кардан мумкин аст. Барои ин бо ариза дар бораи дароз кардани муҳлати қабули мерос ба суд муроҷиат кардан зарур аст ва дар аризаи мазкур ба сифати сабаби узрноке, ки бинобар он муҳлати 6-моҳаи қабули мерос гузаронда шудааст, дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ қарор доштан зикр карда шавад. Ба ариза замима кардани маълумотнома дар бораи озод шудан аз ҳабс зарур аст. Суд аризаи Шуморо баррасӣ менамояд (дида мебарояд), ва, агар сабаби гузарондани муҳлатро узрнок эътироф намояд, он гоҳ вақти қабули меросро дароз мекунад. Пас аз он, ки Шумо қарори судро гирифтед, Шумо бояд ба идораи нотариалӣ равед ва ин қарорро пешниҳод намоед, баъди ин нотариус ба Шумо ҳуҷҷати тасдиққунандаеро медиҳад, ки Шумо

меросхӯр мебошед ва метавонед молу мулки меросиро ихтиёрдорӣ кунед.

**16. Чӣ бояд кард, агар баъди озод шудан аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ба шахс маълум гардад, ки дигар меросхӯрон аллакай ҳуҷҷатҳои меросро гирифтаанд ва молу мулки меросиро байни худ тақсим кардаанд?**

Мутаассифона, ҳолатҳое мешаванд, ки дигар меросхӯрон ҳангоми тақсими молу мулки меросӣ ҳиссаи хешованди худро, ки ӯ низ ба мерос ҳуқуқ дорад, вале ҳамон вақт дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ қарор дошт, ба эътибор намегиранд. Яъне, шахсеро, ки адои ҷазо менамояд аз рӯйхати меросхӯрон «баровкарда мепартоянд» ва манфиатҳои ӯро ба инобат намегиранд.

*Масалан, падари шахсе, ки адои ҷазо менамояд, фавтидааст, баъди вафоти ӯ хонаи истиқоматӣ боқӣ*

*мондааст. Ҳамчунин ин шахс 2 бародар дорад, ки онҳо низ меросхӯри бевоситаи молу мулки падар мебошанд. Пас аз озод шудан аз ҳабс ба шахс маълум мегардад, ки бародаронаш аллакай хонаи меросии падарро гирифтаанд, онро ба 2 қисм тақсим кардаанд (девор сохтаанд) ва дар он ҷо бо оилаҳои худ зиндагӣ мекунанд. Оё ин маънои онро дорад, ки собиқ маҳкумшуда наметавонад ҳиссаи худро дар мерос гирад? Не, чунин маъно надорад, ӯ дар ин хона ба ҳиссаи худ ҳақ дорад, вале барои ин ба ӯ лозим аст, мисле ки аллакай дар боло зикр гардид, ба суд муроҷиат намояд, то ки муҳлати барои қабули меросро дароз кунад, баъд аз ин ба шахс ҳуҷҷат барои ҳиссаи ӯ дар хона дода мешавад, бародарон бошанд, бояд ба бародари аз ҳабс озодшудаи худ 1/3 қисми хонаи меросиро ҷудо кунанд. Агар чунин шуда бошад, ки бародарон хонаро фурӯхтаанд, он гоҳ онҳо бояд ба бародари худ арзиши ҳиссаи мероси ӯро,*

*яъне, арзиши 1/3 қисми хонаро пардохт намоянд.*

# ҲУҚУҚҲОИ ИҶТИМОӢ

## <u>Таъминоти иҷтимоӣ</u>

### 17. Барои ба расмият даровардани маъюбӣ ба куҷо бояд муроҷиат кард?

Барои ба расмият даровардани маъюбӣ бояд ба Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ (ХДТТИ) муроҷиат кард. Ин хадамот дар Тоҷикистон аз соли 2008 фаъолият дорад, пештар функсияҳои хадамоти мазкурро Комиссияи экспертизаи тиббию меҳнатӣ (ВТЭК) иҷро мекард. Бо дарназардошти гурӯҳи маъюбӣ ва ҳолати шахси маъюб, ХДТТИ ба маъюбон барои омӯзиши касбӣ ва тағйири касб тавсияҳо медиҳад.

**18. Кадом гурӯҳҳои маъюбӣ дар Тоҷикистон вуҷуд доранд, ва маъюбӣ ба кадом мухлатҳо муқаррар карда мешавад?**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъюбӣ ба 3 гурӯҳ ҷудо мешавад: маъюбии гурӯҳи I барои ду сол муқаррар карда мешавад, гурӯҳҳои II ва III – барои як сол. Барои маъюбони фалокати Чернобил маъюбии бемуҳлат муқаррар карда мешавад.

**19. Оё шахсони аз ҳабс озодшуда ба ягон кӯмаки моддӣ баъди озод шудан ҳақ доранд?**

Шахсоне, ки аз ҷойҳои адои ҷазо ҷавоб мешаванд, бо роҳкиро то маҳалли зист ё кор дар тамоми қаламрави Тоҷикистон таъмин карда мешаванд, инчунин барои муддати дар роҳ будан ба онҳо озуқаворӣ ё пул дода мешавад. Маъмурияти ҷойҳои адои ҷазо пешакӣ ба мақомоти иҷроияи

ҳокимияти маҳаллӣ ва хадамоти шуғл дар бораи ба қарибӣ озод карда шудани шахси маҳкумшуда хабар медиҳанд, то ки онҳо барои ба ӯ расонидани кӯмаки иҷтимоӣ чораҳо андешанд.

**20. Кадом мақомот ба шахсони аз ҳабс озодшуда кӯмаки иҷтимоӣ мерасонанд?**

Кӯмаки моддиро ба шахсони аз ҳабс озодшуда инҳо мерасонанд:

- нозироти корҳои ислоҳӣ;
- комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак;
- мақомоти иҷрои ҷазо.
- маъмурият, коллективҳои меҳнатӣ ва ташкилотҳои

ҷамъиятии корхонаҳо, муассисаҳо.[11]

## 21. Таҳти мафҳуми кӯмаки иҷтимоӣ чӣ фаҳмида мешавад?

Кӯмаки иҷтимоӣ дар шакли мусоидат намудан дар таъмин бо кор ва таъминоти маишӣ, расонидани ёрии моддӣ, дар рафъ намудани оқибатҳои адои ҷазо, дар таъмини нафақа, ҷойгир намудан дар муассисаи тиббӣ, интернатҳо, хонаҳои пиронсолон, муқаррар кардани васоят зоҳир мегардад.

## 22. Хизматрасонии иҷтимоӣ аз чӣ иборат аст?

Хизматрасони иҷтимоӣ аз маҷмӯи хизматрасониҳои марбут ба пешниҳоди кӯмакҳои иҷтимоию

---

[11] Моддаи 212 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

маишӣ, иҷтимоию тиббӣ, психологию педагогӣ, иҷтимоию ҳуқуқӣ, дигар хизматрасониҳо ва кӯмаки моддӣ, мусоидат дар адаптатсияи (мутобиқшавии) иҷтимоӣ ва офиятбахшии шаҳрвандоне, ки дар вазъияти мушкили ҳаётӣ қарор доранд, иборат аст.

Хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҷониби хадамоти иҷтимоӣ тавассути ба аҳолӣ пешниҳод кардани хизматрасониҳои маишӣ, тиббӣ ва санитарию солимгардонӣ, фарҳангӣ, омӯзишӣ, ҳуқуқӣ, хизматрасониҳои солимгардонии ҷисмонӣ анҷом дода мешавад.[12]

## Ҳуқуқ ба меҳнат

### 23. Ба шахси аз ҳабс озодшуда барои пайдо кардани кор ва ба қайд гузоштан ба сифати шахси бекор

[12] Моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

**ба куҷо мурочиат кардан зарур аст?**

Барои ҷустуҷӯи кор ва ба қайд гузоштан ба сифати шахси бекор бояд ба мақомоти давлатии шуғли аҳолии маҳалли истиқомати доимии худ мурочиат кард. Мақомоти шуғли аҳолӣ мақомоте мебошад, ки Агентии давлатии маҳнат ва шуғли аҳолӣ номида мешавад. *(Сурогаҳои мақомоти мазкур дар охири китобча нишон дода шудаанд)*.

**24. Барои ба қайд гирифтан ба сифати шахси бекор кадом ҳуҷҷатҳоро ба мақомоти шуғл пешниҳод кардан зарур аст?**

Барои ба қайд гирифтан бо мақсади ҷустуҷӯи кори муносиб аз ҷониби шаҳрвандон ба мақомоти шуғли аҳолии маҳалли истиқомати худ маълумотнома дар бораи музди меҳнати миёна барои ду моҳ аз ҷойи

кори (хизмати) охирин пешниҳод карда мешавад, инчунин ҳуҷҷатҳои зерин пешкаш мегарданд:

- Шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият,
- Дафтарчаи меҳнатӣ,
- Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи тахассуси касбӣ.

Шахсоне, ки бори аввал кор меҷӯянд ва тахассус (ихтисос) надоранд, шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти худ ва ҳуҷҷат дар бораи таҳсилотро пешниҳод мекунанд.

Мақомоти шуғли аҳолӣ ҳуқуқ надоранд ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб кунанд.

Дар сурати набудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи собиқаи корӣ давраи

кор аз рӯи нишондодҳои шоҳидон муқаррар карда мешавад.[13]

**25. Агар собиқ маҳкумшуда маъюб бошад, оё барои ӯ ягон хел имтиёзҳо ҳангоми ҷустуҷӯи кор пешбинӣ карда шудаанд?**

Собиқ маҳкумшудагон барои ҷойҳои корӣ ба андозаи 6% аз шумораи умумии кормандони корхонаю ташкилот квота доранд (дар айни ҳол, муҳим нест, ки ташкилот давлатӣ ё ғайридавлатӣ мебошад, зеро квотаҳо нисбати ҳама гуна ташкилотҳо татбиқ мегарданд).

Квота як қисми ҷойҳои кории мебошад, ки онҳоро ташкилотҳо барои бо кор таъмин кардани баъзе

[13] Низомнома оид ба тартиби тасдиқи собиқаи корӣ барои таъин намудани нафақа аз 31 январи соли 1994 № 45 (дар шакли тағйирдодашуда - Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.06.2007 №357)

категорияҳои аҳолӣ пешниҳод мекунанд.

Барои одамоне, ки маъюбӣ доранд, ҳамчунин квотаҳо барои қабул ба кор ба андозаи на камтар аз 5% аз шумораи умумии кормандони ташкилоте, ки дар он 20 нафар ва бештар кормандон кор мекунанд (ҳам ташкилотҳои давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ) муқаррар карда мешаванд.[14] Корфармо уҳдадор аст маъюбонеро, ки мақомоти шуғли аҳолӣ тибқи квота равон кардааст, ба кор қабул кунад. [15]

Яъне, агар собиқ маҳкумшуда маъюбӣ дошта бошад, он гоҳ ӯ дар ҳар сурат метавонад тибқи квотаи мақомоти шуғл (ё ки ҳамчун собиқ маҳкумшуда, ё ҳамчун шахси дорои маъюбӣ) ба кор қабул карда шавад.

---

[14] Моддаи 26, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон»
[15] Моддаи 23, 339 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**(!) Маслиҳат: азбаски намудҳои квотаҳо фарқ мекунанд: дар ҳолати аввал квотаҳо барои чунин категорияҳо, ба монанди собиқ маҳкумшудагон, дар ҳолати дуюм – барои шахси дорои маъюбӣ ҷудо карда мешаванд, шояд, квотаҳои намуди дуюмро истифода кардан беҳтар бошад, то ки ба ошкор гардидани иттилоот оид ба мавҷудияти доғи судӣ роҳ дода нашавад ва аз ҷониби корфармо саволҳои зиёдатӣ ба миён гузошта нашаванд.**

### 26. Оё маъюбон дар ҷойи кор ягон хел имтиёзҳо доранд?

Бале, доранд, масалан, барои шахсони дорои маъюбӣ рӯзи кории шашсоата бе кам кардани музди меҳнат муқаррар карда мешавад, дар

ҳоле ки ҳамаи кормандони дигар рӯзе 8 соат кор мекунанд.[16]

Рухсатии меҳнатии пардохтшавандаи маъюбони гурӯҳҳои I ва II ба 42 рӯзи тақвимӣ баробар аст, рухсатии маъюбони гурӯҳи III бошад, 35 рӯзи тақвимиро ташкил медиҳад.[17]

Ҷалб кардани маъюбон ба кори шабона ва кор дар рӯзҳои истироҳат, инчунин ба изофакорӣ танҳо бо розигии онҳо иҷозат аст ва ба шарте ки чунин корҳо бинобар вазъи саломатӣ манъ карда нашуда бошанд. [18]

**27. Агар шахсро иштибоҳан маҳкум карда бошанд, оё ӯ ягон хел имтиёзҳои меҳнатӣ дорад?**

---

[16] Моддаи 68, қисми 2 моддаи 74 Кодекси меҳнати ҶТ аз 23 июли соли 2016

[17] Қисми 2 моддаи 94 Кодекси меҳнати ҶТ

[18] Моддаи 152 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба шаҳрвандоне, ки беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд ва баъдан сафед карда шудаанд, вақти нигоҳдорӣ таҳти ҳабс, вақти адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ва бадарға ба андозаи секарата ба собиқаи корашон ҳисоб карда мешавад.

**28. Ба куҷо муроҷиат кардан мумкин аст, агар шахс чунин ҳисобад, ки ӯро ғайриқонунӣ ба кор қабул накардаанд?**

Одамоне, ки чунин меҳисобанд, ки онҳоро ғайриқонунӣ ба кор қабул накардаанд, метавонанд бо ариза ба суд муроҷиат кунанд.[19] *(Дар охири китобча суроғаҳои қабулгоҳҳои ҳуқуқии ройгоне, ки ба он ҷо барои машварату маслиҳат ва кӯмак дар тартиб додани муроҷиатнома ба суд ва*

---

[19] Моддаи 7, 23 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

*дигар мақомоти давлатӣ мурочиат кардан мумкин аст, нишон дода шудаанд).*

<u>**Ҳуқуқ ба омӯзиш**</u>

**29. Собиқ маҳкумшуда ба куҷо бояд мурочиат кунад, то ки ягон хел касбро барои ҷустуҷӯи минбаъдаи кор омӯзад?**

Шаҳрванд бояд ба Агентии давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ мурочиат кунад, ки дар навбати худ Агенти ӯро ба такмили ихтисос ва таҳсил равон мекунад.

24 феврали соли 2017 дар Тоҷикистон Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» қабул гардид.

Ба системаи давлатии таълими калонсолон Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» бо филиалҳо, Муассисаи

давлатии «Маркази таълими омӯзиши модулии шаҳри Душанбе» бо филиалҳо ва 14 марказҳои таълимӣ дохил мешаванд. Ин марказҳои таълимӣ асосан ба таълими ибтидоии касбӣ ва бозомӯзии калонсолон, махсусан бекорон ва муҳоҷирони меҳнатӣ машғул мебошанд.[20]

Таҳсилоти касбии ройгонро дар муассисаҳои давлатӣ гирифтан мумкин аст. Он дар сурате ройгон мешавад, ки, агар чунин таҳсилот барои шахс аввалин бошад.[21] Дар бораи таҳсилоти гирифташуда ҳуҷҷати тасдиққунандаи махсус дода мешавад.

## 30. Кадом навъ муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии

---

[20] Барномаи рушди таълими касбии калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 <u>аз 30 декабри соли 2010 №696</u>
[21] Моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» аз соли 2003

**касбӣ ва касбомӯзии кӯтоҳмуддат дар Тоҷикистон мавҷуданд?**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон фаъолият менамоянд:

- таҳсилоти миёнаи умумӣ ва марказҳои таълимӣ;
- таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;
- таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (донишкадаҳои такмили ихтисос, академияи таҳсилоти баъдидипломӣ);
- таҳсилоти иловагӣ;

- муассисаву ташкилотҳои дигаре, ки раванди таълими калонсолонро амалӣ менамоянд.[22]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимӣ мавҷуданд:

- таълимӣ-истеҳсолӣ;
- марказҳои таълимии калонсолони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ;
- марказҳои таълимии иҷтимоӣ-соҳибкорӣ, аз ҷумла корхонаҳои фаръӣ;
- марказҳои таълимии назди корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо;
- марказҳои таълимӣ-истеҳсолӣ;
- курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ;
- муассисаҳои бозомӯзии аҳолӣ;

---

[22] Қисми 9 моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» аз 24 феврали соли 2017

- муассисаҳои такмил, баландбардории ихтисос ва бозомӯзии кормандон.[23]

**(!) Маслиҳат: барои собиқ маҳкумшудагоне, ки кор ба онҳо фавран зарур аст, аслан, омӯзиш дар Марказҳои таълими калонсолон, ки дар назди мақомоти шуғл таъсис дода шудаанд, мувофиқтар аст, зеро дар он ҷо одамон дар курсҳои кӯтоҳмуддат омӯзиш мегиранд, ки ба онҳо имкон медиҳанд дар муддати кӯтоҳ ягон касбро аз худ кунанд ва зуд кор пайдо кунанд *(суроғаҳои ин мақомоти шуғлро Шумо дар охири китобча пайдо мекунед)*.**

## Масъалаҳои оилавӣ

**31. Агар дар давраи адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ба**

[23] Қисми 2 моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти калонсолон»

**шахси маҳкумшуда маълум гардад, ки шавҳараш (завҷааш) аз ӯ ҷудо шудааст, оё чунин ҷудошавӣ қонунӣ аст ва оё мумкин аст баъди озод шудан ақди никоҳро барқарор кард?**

Қонунгузории Тоҷикистон имконияти бекор кардани ақди никоҳро бо шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят ба маҳрум кардан аз озодӣ ба мухлати зиёда аз се сол маҳкум гардидааст, пешбинӣ менамояд. Дар чунин ҳолат ба ҳамсаре, ки ҷудо шудан мехоҳад, доштани нусхаи ҳукми суди эътибори қонунӣ пайдокарда ва пешниҳод намудани ариза дар бораи ҷудошавӣ ба идораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) кофист.[24] Дар сурати чунин

[24] Моддаҳои 40, 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» (аз 29 апрели соли 2006).

ҷудошавӣ аз шахси ҳабсшуда розигӣ пурсида намешавад. Чунин ҷудошавӣ қонунӣ ҳисобида мешавад ва пас аз озод шудани шахс аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ барқарор карда намешавад. Агар оила дубора якҷоя шавад, он гоҳ ба ҳамсарон лозим меояд, ки муносибатҳояшонро дар идораи САҲШ такроран ба расмият дароранд.

### 32. Оё собиқ маҳкумшуда ҳуқуқ дорад баъди озод шуданаш бо кӯдаки (фарзандони) худ вохӯрад (робита кунад)?

Оре, ҳуқуқ дорад (агар волид аз ҳуқуқи падару модарӣ нисбати кӯдак маҳрум карда нашуда бошад), ҳатто

агар падару модари кӯдак ҷудо шуда бошанд ҳам.[25]

**33. Чӣ бояд кард, агар волиди (падар ё модари) кӯдак (ё шахсони онҳоро ивазкунандае, ки кӯдак дар тарбияи онҳо қарор дорад), ки кӯдак бо ӯ зиндагӣ мекунад, ба падар ё модар (собиқ маҳкумшуда) иҷозат намедиҳад кӯдаки худро бинад ва бо ӯ робита дошта бошад?**

Волиде, ки кӯдак бо ӯ зиндагӣ мекунад (шахсоне, ки кӯдак дар тарбияи онҳо қарор дорад), набояд ба волиди дуюм дар робита доштан бо кӯдак монеъ шавад, агар ин волид аз ҳуқуқи падару модарӣ нисбати кӯдак

---

[25] Моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз соли 2011

маҳрум карда нашуда бошад.[26] Робита метавонад танҳо дар сурате манъ ё маҳдуд карда шавад, ки, агар он ба кӯдак зарар дошта бошад (агар таҳдид ба ҳаёт ва саломатии кӯдак вуҷуд дошта бошад, агар кӯдак баъди робита ҷароҳати психологӣ (руҳӣ) ё садамаи руҳӣ гирад, агар робита ба кӯдак таъсири бад расонад). Агар чунин сабабҳо вуҷуд надошта бошанд, он гоҳ волиде, ки аз ҷойҳои адои ҷазо озод шудааст, метавонад ба мақомоти васоят ва парасторӣ муроҷиат намояд, ва, агар дар ин ҳолат ҳам ҳалли масъала муяссар нагардад, он гоҳ ба суд муроҷиат кардан лозим меояд, то ки аз ҷониби суд тартиби робита (муошират) кардани волид бо кӯдак муайян карда шавад.[27]

[26] Моддаи 66 Кодекси оилаи ҶТ аз 13 ноябри соли 1998 бо тағйироту иловаҳои охирин аз 24 феврали соли 2017

[27] Қисми 2 моддаи 66 Кодекси оилаи ҶТ

### 34. Чӣ тавр падар ё модарро метавонанд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум кунанд?

Падару модар (яке аз онҳо) метавонанд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шаванд, агар онҳо: аз иҷрои уҳдадориҳои падару модарӣ, аз ҷумла додани алимент қасдан саркашӣ кунанд (зиёда аз се моҳ); аз ҳуқуқи падару модарии худ суиистифода намоянд; ба фарзандон муносибати бераҳмона кунанд, аз ҷумла нисбати онҳо зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳиро раво бинанд, ба дахлнопазирии ҷинсии онҳо суиқасд намоянд; майзада ё нашъаманди ашаддӣ бошанд, бар зидди ҳаёт ва саломатии фарзандони худ ё саломатии ҳамсари худ қасдан ҷиноят содир карда бошанд. Маҳрум кардани падару модар аз ҳуқуқи падару модарӣ онҳоро аз вазифаи

таъмин кардани фарзандонашон озод намекунад.[28]

**35. Оё баъдан барқарор кардани ҳуқуқи падару модарӣ нисбати кӯдак (фарзанд) имконпазир аст?**

Оре, агар волид (падар ё модар) бо қарори суд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шуда бошад, вале баъдан муносибати худро дар маҷмӯъ, ва аз ҷумла нисбати кӯдак ба тарафи мусбӣ тағйир дода бошад, ӯ метавонад бо ариза дар бораи барқароркунии ҳуқуқи падару модарӣ ба суд муроҷиат намояд.[29]

**36. Оё шахс баъди озод шудан аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дар таъминоти моддии кӯдаки**

[28] Моддаҳои 69, 71 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

[29] Моддаи 72 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**(фарзандони) худ иштирок карда метавонад, агар ӯ аз кӯдак ҷудо зиндагӣ кунад?**

Оре, баъди озод шудан аз ҳабс волид уҳдадор аст ҳам дар тарбия ва ҳам дар таъминоти моддии кӯдаки (фарзандони) худ то ба синни балоғат (синни 18-солагӣ) расидани кӯдак иштирок намояд, ва, агар кӯдак маъюбӣ дошта бошад, баъди ба синни 18-солагӣ расидан низ. Агар волид ихтиёрӣ дар таъминоти моддии кӯдак иштирок накунад, волиди дуюм ё шахсоне, ки волидонро иваз мекунанд, метавонанд бо аризаи даъвогӣ оид ба ситонидани алиментҳо барои кӯдак ба суд муроҷиат кунанд.

**37. Оё суд метавонад аз собиқ маҳбус алимент ситонад, агар ӯ дар ягон ҷой кор накунад ва ягон даромаде надошта бошад?**

Оре, алиментҳо метавонанд аз ҷониби суд ҳатто дар сурати кор ва даромад надоштани шахси аз адои ҷазо озодшуда таъин карда шаванд. Дар ин ҳолат алиментҳо дар шакли маблағи устувор ситонида мешаванд.[30]

## 38. Оё ягон ҷавобгарӣ барои саркашӣ кардан аз пардохти алиментҳо вуҷуд дорад?

Агар аз шахсе, ки аз адои ҷазо (аз ҳабс) озод шудааст, бо қарори суд бояд алиментҳо ситонида шаванд, вале ӯ бадқасдона аз пардохти онҳо саркашӣ мекунад, нисбати ӯ метавонад парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шавад, ва барои чунин саркашӣ ҳатто ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 2 сол пешбинӣ шудааст.[31] Бе сабабҳои узрнок бештар аз се моҳ саркашӣ

---

[30] Моддаи 83 Кодекси оилаи ҶТ

[31] Моддаи 177 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

намудани падару модар аз иҷрои қарори суд оид ба пардохти маблағ барои таъминоти фарзанд саркашии бадқасдона ҳисобида мешавад.

# ИТТИЛООТИ МУФИД:

**Замимаи 1. Суроғаҳои қабулгоҳҳои ҳуқуқии ройгони ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният», ки дар он ҷо гирифтани ёрии бепули ҳуқуқӣ ва кӯмаку дастгирии корманди иҷтимоиро мумкин аст:**

| № | Номи муассиса | Шаҳр / ноҳия | Суроға | Телефон |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» (ИҲИ) | ш. Душанбе | Хиёбони Рӯдакӣ, бинои «Тоҷикматлубот» ошёнаи 6-ум, утоқи 607 | (+992 37) 224-41-53, (+992 37) 224-41-45 |
| 2. | Филиали ИҲИ дар ш. Хуҷанд | ш. Хуҷанд | Мкр-ни 20, хонаи 35 (бинои Кохи матбуот), ошёнаи 10-ум, утоқҳои 10/ 32 | (+992 93) 900-99-36, (+992 93) 900-36-30 |
| 3. | Филиали ИҲИ дар ш. Қӯрғонтеппа | ш. Қӯрғонтеппа | Кӯчаи Ваҳдат, 196 А, дар бинои «Билайн», ошёнаи 2-юм | +992 93) 901-90-21, (+992 93) 901-90-22 |
| 4. | Филиали ИҲИ дар ш. Хоруғ | ш. Хоруғ | Кӯчаи Ленин (бинои собиқ муассисаи кооперативии «Гарант») | (+992 93) 830-66-54, |

**Ҳамаи мурочиатҳо хислати махрамона доранд.**
**Ҳамаи машварату маслиҳатҳо бепуланд.**

**Замимаи 2. Суроғаҳои Марказҳои ёрии ҳуқуқии Идораҳои давлатии ҳуқуқии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

| № | Макони ҷойгиршавӣ | Шаҳр | Суроға | Телефон |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | ш. Ваҳдат | кӯчаи Давлат Барот 7, ошёнаи 3 (бинои хадамоти манзилию коммуналӣ, рӯ ба рӯи қисми ҳарбӣ). | (+992 93) 355 59 94 |
| 2. | Вилояти Суғд | Ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | шаҳраки Б. Ғафуров, кӯчаи Гогол 14 (бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Б. Ғафуров), ошёнаи 1-ум, ҳуҷраи 21. | (+992 93) 355-59-92 |
| 3. | Вилояти Суғд | Ноҳияи Деваштич | шаҳраки Ғончи, кӯчаи Ҷура Расул, 15 (бинои САҲШ-и ноҳиявӣ), ошёнаи 1-ум, ҳуҷраи 5 | (+992 93) 355-59-81,<br>(+992 93) 355-59-82 |
| 4. | Вилояти Суғд | ш. Панҷакент | ш. Панҷакент, хиёбони Рудакӣ, 62 (бинои идораи сохтмонии «Панҷакентсоз»), ошёнаи 1-ум, ҳуҷраи 5. | (+992 93) 355- 59-96 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5. | Вилояти Суғд | ноҳияи Панҷакент | Ҷамоатм Лоиқ Шералӣ (бинои «Трест», нишонӣ – рӯ ба рӯи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (Ҳукумат) | (+992 93) 355- 59-80 |
| 6. | ВМКБ | ш. Хоруғ | кӯчаи. Н. Атобек, 79 | (+992 83522) 2-24-55 |
| 7. | Вилояти Хатлон | Ноҳияи Восеъ | кӯчаи. Сомонӣ, 10 (дар бинои кинотеатри тобистона). | (+992 93) 355 59 83 |
| 8. | Вилояти Хатлон | Ноҳияи Ҷайхун | ҷамоати «Шаҳраки Дустӣ», кӯчаи И.Сомонӣ, 10 (дар бинои Маркази «Адлия»). | (+992 93) 355 59 86 |

**Ҳамаи мурочиатҳо хислати маҳрамона доранд.**
**Ҳамаи машварату маслиҳатҳо бепуланд.**

**Замимаи 3. Суроғаҳои мақомоти шуғли аҳолӣ (шӯъбаҳои Агентии давлатии меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар минтақаҳо:**

| № | Номи муассиса | Шахр / ноҳия | Суроға | Телефон |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/12 | (+992 37) 235-15-25, (+992 37) 236-50-12 |
| 2. | Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии вилояти Суғд | Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд | Микр-ни 28, хонаи 2 | (+992 83422) 6-68-05, (+992 83422) 5-65-69 |
| 3. | Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳри Хуҷанд | ш. Хуҷанд | кӯчаи Калиников, 83. | (+992 83422) 6-58-87 |
| 4. | Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии вилояти Хатлон | Вилояти Хатлон, ш. Қурғонтеппа | кӯчаи Файзалӣ Саидов, 3 | (+992 83222) 2-46-20 |
| 5. | Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳри Қурғонтеппа | ш. Қурғонтеппа | хиёбони Ваҳдат, 20 | (+992 83222) 2-37-46 (+992 93) 511-55-77 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **6.** | Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ВМКБ | Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон Область (ВМКБ) ш. Хоруғ | кӯчаи Н.Атобек 11. | (+992 83522) 2-65-15 |
| **7.** | Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳри Ваҳдат | ш.Ваҳдат | Кӯчаи Хайр (назди бозори “Хайр”). | (83136) 2 64 66 |
| **8.** | Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров. | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | шаҳраки Б.Ғафуров, кӯчаи И.Сомони 62 | (83422) 3 14 60 |
| **9.** | Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Деваштич | ноҳияи Деваштич | шаҳраки Ғончи, кӯчаи И.Сомони 23 | (83422) 2 54 07 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **10.** | Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳри Панҷакент | ш.Панҷакент | кӯчаи Даврон Бобораҷабов 40 “А” | (83422) 5 29 29 |
| **11.** | Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Восеъ, вилояти Хатлон | ноҳияи Восеъ | кӯчаи Мирзо Бобоев 18 | (83311)2 2 9 28 |
| **12.** | Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Ҷайҳун, вилояти Хатлон | ноҳияи Ҷайҳун | кучаи Исмоил Сомони 10 | (83249) 4 30 17 |

**Замимаи 4. Ҷадвали мақомоте, ки барои кӯмак ба онҳо мурочиат кардан мумкин аст**

| **Муҳтавои масъала** | **Ба кучо барои иттилоот ва кӯмак мурочиат кардан лозим** |
|---|---|
| **Пеш аз муҳлат бардоштани доғи судӣ** | Суд |
| **Ҳуқуқ ба манзил** | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (Ҳукумат) |
| **Ҳуқуқ ба мерос** | Нотариуси маҳлли ҷойгиршавии амволи ғайриманқул ё маҳалли зисти меросдиҳанда |
| **Ҳуқуқ ба меҳнат (бақайдгирӣ ба сифати шахси бекор, ҷустуҷӯи кор)**<br><br>**Дар сурати рад намудани қабул ба кор**<br><br>**Омӯзиши ибтидоии касбӣ** | Мақомоти шуғл – Агентии давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ<br><br>Суд<br><br>Маркази таълими калонсолони назди мақомоти шуғли аҳолӣ |
| **Ба расмият даровардани маъюбӣ** | Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ (собиқ ВТЭК) |
| **Таъин намудан, ба расмият даровардан ва додани нафақаю кӯмакпулиҳо** | Мақомоти таъминоти нафақаи маҳалли истиқомат Шумо |
| **Гирифтани кӯмаки моддӣ** | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |

**Замимаи 5. Сурогахои Муассисаи Давлатии “Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон”.**

| № | шаҳр / ноҳияи ҷойгиршави | Директор | Суроға | Телефон |
|---|---|---|---|---|
| 1<br>1. | Муассисаи Давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” (МТКТ) | Рахимов Аслам Давламадович | ш. Душанбе, кӯчаи А.Навои 5/1 | 935-24-88-55<br>900-00-32-22 |
| 2<br>2. | Филиали (МТКТ) дар ш. Душанбе | Ёрматов Мансур | ш. Душанбе, кӯчаи А.Навои, 5/1 | 900-00-32-47 |
| 3<br>3. | Филиали МТКТ дар ноҳияи Шохмансури ш. Душанбе | Сангмадов Исмоил Турдиевич | ш.Душанбе, кӯчаи Айни, 22/7 | 988-61-95-39<br>900-00-32-60 |
| 4<br>4. | Филиали МТКТ дар ш. Кургантюбе | Шарифов Нурулло Зувайдуллоевич | ш.Кургантюбе, кӯчаи Ф.Саидов, 3/1 | 931-02-55-59<br>917-10-00-18 |
| 5<br>5. | Филиали МТКТ дар ш. Панҷакент | Насрулоева Заррина Хусейновна | ш.Панҷакент, Даврон Бобораджабов 40А | 927-48-00-74 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6<br>6. | Филиали МТКТ дар ноҳияи Б. Гафуров | Одинаев Шарифдҷон Саидахмедович | Ноҳияи Бободҷон Гафуров, кӯчаи Худжанди, 62 | 918-71-81-15 |
| 7<br>7. | Филиали МТКТ дар ш. Хорог | Муаллимшоева Чаманоро Иқболшоевна | ш.Хорог, кӯчаи Ленин 26 | 938-78-11-70 |
| 8<br>8. | Филиали МТКТ дар ш. Вахдат | Абдуллоев Салоҳуддин Хайриддинович | ш.Ваҳдат, ҷамоати Нуъмон Розиқ, кӯчаи Хайрат | 901-03-12-34 |

# МАСЛИҲАТҲОИ МУФИД:

- Ба ҳама мақомоти давлатӣ танҳо хаттӣ муроҷиат намоед.

- Нусхаи аризаи худро бо имзои он корманде, ки ҳуҷҷатро аз Шумо қабул кард, бо зикри санаи қабули ҳуҷҷат, бо худ нигоҳ доред.

- Ҳатман маълум кунед, ки оё Шумо ҳамаи ҳуҷҷатҳои барои ҳалли масъала зарурбуда ва замимаҳоро пешниҳод намудаед.

- Дар сурати рад кардани қабули ҳуҷҷатҳои Шумо, онҳоро бо мактуби фармоишӣ бо огоҳинома оид ба супурдан (чунин шакли муросилоти почта вуҷуд дорад) равон намоед ё талаб кунед, ки шахси ҳуҷҷатро қабулкунанда дар ариза имзо гузорад, ки ӯ қабул кардани онро аз Шумо рад

мекунад, ва сабаби радкуниро зикр намояд.

- Ҳамеша вазифа ва телефони кормандеро, ки ҳуҷҷатҳои Шумо дар иҷрои ӯ қарор доранд, рӯзҳо ва соатҳои қабули ӯ, муҳлати тахминшудаеро, ки дар муддати он аризаи Шумо баррасӣ карда мешавад, маълум намоед.

- Кӯтоҳсухан бошед, аз мунокишаҳо худдорӣ кунед, кӯшиш намоед худро нигоҳ доред.

Рӯихати адабиётҳои истифода шуда:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Кодекси Меҳнати Чумҳурии Тоҷикистон

4. Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон
5. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон
6. Кодекси Манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон
7. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 3
8. Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
9. Қонуни Ҷусҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳоли"
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасонии иҷтимои"
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷиксистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон"

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсили ибтидоии касби”
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикситон “Дар бораи ба қайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрванди”
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”
15. Низомномаи тартиби таъйиди собиқаи кор барои таъини нафақа аз 31 январи соли 1994 № 45 (дар таҳрири Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2007 сол, зери №357)
16. Барномаи рушди таълими касбии калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикситон барои солҳои 2011 – 2015, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикситон аз 30

декабри соли 2010 таҳти №696 тасдиқ шудааст.

17. Маърӯзаи махсуси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилояти Москва дар мавзуъи "Муаммоҳои адаптатсионии иҷтимоии шахсони аз ҷойҳои маҳруми аз озоди озод гашта", Руссия, 2010 сол.